Мувофиқа карда шудааст:
Раиси кумитаи иттифоқи касабаи
кормандони Донишкада
Насирдинов И.М.

Бо қарори Шӯрои олимони ДССХ
аз 26 феврали соли 2021, №9/7.6
тасдиқ карда шудааст
Раиси Шӯро Асрорзода У.С.

**Низомномаи**

Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти «Ҷоми раёсати Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат»

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф таҳия гардидааст.

1.2. Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Озмун) зери назорати ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ва Кумитаи тадорукоти Озмуни мазкур (минбаъд Кумитаи тадорукоти Озмуни ҷумҳуриявӣ) гузаронида мешавад, ки ҳайати онро ректори Донишкада пешниҳод ва тасдиқ менамояд.

1.3. Ҳадафҳои асосии гузаронидани Озмун:

- Татбиқи ҳамаҷонибаи сиёсати Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф;
- баланд бардоштани шавқу ҳаваси донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши илмҳои дақиқ;
- ташаккули тафаккури илмӣ ва техникии донишҷӯён, бедор намудани шавқу завқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои мураккаби илмӣ, баёни озоди фикр, аз худ намудани технологияҳои информатсионӣ ва ғайра;
- истифодаи комёбиҳои донишҷӯён дар рушди илму техника дар иқтисодиёти кишвар;
- дарёфт намудани донишҷӯёни лаёқатманд ва ҷалб намудани онҳо ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

## 2. Ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни Озмун:

2.1. Дар Озмун донишҷӯёни зинаи бакалавр курсҳои 1-4 ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ иштирок карда метавонанд.

2.2. Озмун аз рӯи 2 равия гузаронида мешавад:

**(математика, технологияҳои иттилоотӣ);**

2.3. Озмун дар 2 давра гузаронида мешавад.

Шумораи иштирокчиёни даври якумро кумитаҳои тадорукоти муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба гузаронидани Озмун муайян мекунанд.

Даври якуми Озмуни мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ моҳи март баргузор гардида, танҳо **1 нафарӣ** ғолибонро аз **ҳар як равия** барои иштирок дар даври ниҳоӣ, ки дар Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат баргузор мегардад, тибқи ҷадвали замимашуда пешниҳод менамоянд.

Барои иштирок дар даври ниҳоии Озмун танҳо донишҷуён-ғолибоне, ки аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мактуби расмӣ пешниҳод шудаанд, иҷозат дода мешаванд. **Дар сурати иштирок карда натавонистани ғолиби даври якум, иваз намудани ӯ ба нафари дигар қатъиян манъ аст. Ҳамчунин, иштироки номзадон берун аз рӯйхати пешниҳод намудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, яъне ғайриконкурсӣ, қатъиян манъ мебошад.**

Роҳбарони дастаҳо - 1 нафар, аз ҳисоби кормандони раёсатҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таъин карда мешаванд.

2.4. Иштирокчиёни Озмун ҳуқуқ доранд:

- бо натиҷаи корҳои худ шинос шаванд;
- дар сурати розӣ набудан аз натиҷаи санҷиш, метавонанд ба комиссияи аппелятсионӣ муроҷиат намоянд.

### 3. Тартиби гузаронидани Озмун

3.1. Даври якуми Озмун зери назорати Кумитаҳои тадорукоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад. Кумитаи тадорукоти даври ниҳоии Озмун (ҷумҳуриявӣ) тибқи фармоиши ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат охири моҳи феврали соли 2021 таъсис дода мешавад.

3.2. Даври якуми Озмун нимаи сеюми моҳи март бо истифода аз маводи тасдиқкардаи Кумитаҳои тадорукоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

3.3. Даври ниҳоӣ (ҷумҳуриявӣ) нимаи сеюми моҳи апрели соли 2021 бо истифода аз маводи тасдиқкардаи Кумитаи тадорукоти Озмуни ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад.

3.4. Ҳароҷоти хизматрасонии маданӣ-маишӣ ва тиббии иштирокчиёни Озмуни даври 1-ум аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин карда мешавад.

3.5.Ҷойи баргузории даври ниҳоии Озмунро Кумитаи тадорукоти Озмуни ҷумҳуриявӣ муайян мекунад.

3.6. Масъулияти ташкил ва гузаронидани даври якуми Озмун ба зиммаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва даври ниҳоӣ ба зиммаи Кумитаи тадорукоти Озмуни ҷумҳуриявӣ (Раёсати Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат) гузошта мешавад.

**4. Кумитаи тадорукоти Озмуни «Ҷоми раёсати Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат»**

4.1. Роҳбарии умумӣ барои омодагӣ ва ташкилу гузаронидани Озмун ба зиммаи ҳайати Кумитаи тадорукоти Озмуни мазкур, ки бо фармоиши ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат тасдиқ мегардад, гузошта мешавад.

4.1. Кумитаи тадорукоти Озмун вазифаҳои зеринро ба зимма дорад:

-ба ташкилу гузаронидани даври ҷумҳуриявии Озмун бевосита роҳбарӣ менамояд;

- шаффофият, ташкил ва гузаронидани Озмунро таъмин ва назорат менамояд;

- ҳайати ҳакамони даври ниҳоии Озмунро тасдиқ менамояд;

- ҳайати ҳакамони Озмунро дар ҳар як соҳаи илм таъсис медиҳад;

-тартиби гузаронидан ва меъёри баҳодиҳии корҳои конкурсиро муайян менамояд;

-натиҷаи даврҳои Озмунро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, маълумотномаро ба ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат пешниҳод менамояд;

- масъалаи ҳизматрасонии маданӣ-маишӣ ва тиббии дастаҳоро ба роҳ монда, барои иҷрои вазифаҳои назариявӣ ва амалӣ шароити мусоид фароҳам меоварад;

- дар интихоби усули маводи санҷишӣ таклиф пешниҳод менамояд;

-маводи санҷишии Озмунро бо ҳайати ҳакамон дар рӯзи баргузории Озмун муайян мекунад;

-дар ҳамкорӣ бо ҳакамон натиҷаҳоро ҷамъбаст намуда, тарзи мукофотонидани ғолибонро муқаррар менамояд;

- комиссияи аппелятсиониро таъсис медиҳад;

-тавассути васоити ахбори омма тарғиби васеи рафти баргузорӣ ва натиҷаҳои Озмунро ба роҳ мемонад.

**5. Шартҳои Озмун**

5.1. Озмун дар самти равияҳои математика ва технологияҳои иттилоотӣ (тахассусӣ ва ғайритахассусӣ) дар шакли тестӣ ва ҳалли мисолу масъалаҳо гузаронида мешавад.

Дар ин маврид барои иҷрои супориш 4 соат вақт ҷудо карда мешавад.

**6. Комиссияи аппелятсионӣ**

6.1. Ҳайати ҳакамони Озмун дар навбати худ комиссияи аппелятсионӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳолати пайдо шудани баҳсҳо экспертҳои касбӣ даъват карда мешаванд.

6.1. Натиҷаи корҳои иштирокчиён дар ҷойи баргузории Озмун овезон карда мешавад.

**7. Ҷамъбасти натиҷаҳои Озмун**

7.1. Ғолибони Озмун аз руйи натиҷаҳои ниҳоии холҳо муайян карда мешаванд.

7.2. Барои ғолибони Озмун дар ҳар як равия (тахассусӣ ва

ғайритахассусӣ) як **ҷойи 1-ум,** як **ҷойи 2-юм** ва як **ҷойи 3-юм** муқаррар карда мешавад.

7.3. Ба ғолибони ҷойи якуми Озмун дар ҳар як равия ҷоизаи «Ҷоми раёсати Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат» супорида мешавад.

7.4. Иштирокчиёни даври ниҳоии Озмун, ки дар соҳаҳои мухталифи илм ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол намудаанд, бо тӯҳфаҳои хотиравӣ ва «Ифтихорнома»-и Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат сарфароз гардонида мешаванд.

7.5. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки донишҷӯёни онҳо дар даври ниҳоии Озмун ҷойҳои 1, 2 ва 3-юмро ишғол намудаанд, бо «Ифтихорнома»-и Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат сарфароз гардонида мешаванд.

7.6. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар метавонанд ба ғолибони Озмун тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим намоянд.

## 8. Маблағгузории Озмун

8.1. Барои гузаронидани Озмуни мазкур Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат маблағгузориҳои зеринро ба зимма мегирад:

-хароҷоти рафти тайёрӣ ва гузаронидани даври ниҳоии Озмун;

-маблағҳое, ки барои хизматрасонии маданӣ-маишӣ ва тиббӣ, тайёр намудани «Ҷоми раёсати Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат», Ифтихорнома, нишонаи сарисинагӣ (бейҷик), хариди мукофот, туҳфаҳои хотиравӣ, маводи конселярӣ ва ғайра сарф мешаванд;

-маблағҳое, ки барои таҳиягарони саволу масъала, чопи матн ва тарҷумаи онҳо бо забонҳои дигар сарф мешаванд;

- ҷойи хоб, музди меҳнати ҳайати Кумитаи тадорукот ва ҳакамон.

8.2. Ҳисобот ва маводи даврҳои якум ва даври ниҳоии Озмун ба муҳлати 5 сол дар бойгонии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат нигоҳ дошта мешаванд.